Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

# Фурӯғ




*Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

**9 январи соли 2026. № 1 (587)** **Почтаи электронӣ:** furugh2000@mail.ru

## Сухани рӯз

**Мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият барои онҳо, яъне наслҳои ояндасози миллат ва Ватан минбаъд низ чораҷӯйи менамоем.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*



# БАРРАСИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2025 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ СОЛИ 2026

***Санаи 30-юми декабри соли 2025 дар толори Кохи фарҳанг ҷаласаи васеи Шурои олимон бо иштироки устодону кормандон таҳти роҳбарии ректори донишгоҳ Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат доир гардид, ки дар он «Фаъолияти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар соли 2025 ва вазифаҳо барои соли 2026» мавриди баррасӣ ва муҳокимаи аъзои ҷаласа қарор гирифт.***

Дар ҷаласа самтҳои асосии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, илмӣ – таҳқиқотӣ, тарбиявӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва робитаҳои байналмилалии донишгоҳ, дастовардҳои назарраси ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар соли 2025 баррасӣ шуда, вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2026 муайян гардиданд.

Ректори донишгоҳ зимни ироаи ҳисобот зикр намуд, ки соли 2025 барои колективи меҳнатии устодон ва кормандони донишгоҳ соли пурмаҳсул буд. Аз ҷумла дар самти баланд бардоштани сифати таълим, рушди фаъолияти илмӣ ва таҳкими пойгоҳи моддӣ - техникӣ корҳои назаррасе тайи соли сипаришуда анҷом дода шудаанд. Қайд гардид, ки дар соли 2025 ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ фаъолияти худро дар ҳама самтҳо бо масъулияти касбӣ ва садоқати баланд роҳандозӣ намуда, ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардиданд. Дастовардҳои мазкур ифодаи равшани саҳми устодони донишгоҳ дар татбиқи амалии сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Гуфта шуд, ки Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар ба масъалаҳои муҳими марбут ба рушди таҳсилоти олӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои муосиру рақамӣ, таҳкиму густариши заминаҳои модию техникӣ, такмили ихтисоси кормандон, тақвияти корҳои илмиву таҳқиқотӣ, вусъати робитаҳои байналмилалӣ ва ба ин васила таъмини сатҳи баланди сифати таълим таваҷҷуҳи махсус равона карданд. Бо дарки амиқи ин ҳидоятҳо ва ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раёсати донишгоҳ дар соли 2025 маҷмуи нақша –чорабиниҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда, фаъолияти муассисаро дар самтҳои калидӣ тақвият хоҳад бахшид.

Иброз гардид, ки имрӯз дар назди мо омӯзгорону кормандони донишгоҳ вазифаи муҳқаддасу пурифтихоре меистад, ки он таълиму тарбияи насли ҷавони кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мебошад. Мо бояд донишҷӯёнро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ба камол расонида, бо дасту дили тоза, меҳру муҳаббати ватандорӣ ва ифтихор аз ҳар ваҷаб хоки ин сарзамин барои гулгулшукуфоии ватани азизамон ҳиссагузорӣ намоем.

Ҳамзамон, дар ҷаласа масъалаҳои ҳалталаб ва вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2026 муайян гардида, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти донишгоҳ пешниҳодҳои мушаххас ироа шуданд.

Дар фарҷоми ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул гардида, ба устодону кормандон ҷиҳати иҷрои вазифаҳои муайяншуда супоришҳо дода шуданд.

Баъди баррасии масъала аъзои ҷаласа профессорон С. Холназаров, А. Саторов, А. Гадозода ба музокира баромада, фаъолияти донишгоҳро дар соли 2025 хуб арзёбӣ намуданд.

Сипас, аз ҷониби Раёсати донишгоҳ як қатор профессорону омӯзгорон барои ҳимояи муваффақонаи рисолаҳои илмӣ, дарёфти дараҷаҳои илмӣ ва ғолибони озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар соли 2025 бо маблағҳои пулӣ қадрдонӣ гардиданд.



# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоиза ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони Озмун ва омӯзгорон, падару модаронеро, ки шогирдону фарзандонашон дар даври ҷумҳуриявии Озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гаштани Озмуни мазкур 8 290 000 (ҳашт миллиону дусаду навад ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 январи соли 2026, №АП-951**




## Рӯйдодҳои ҳафт рӯзи донишгоҳ



# ҶАЛАСАИ РАЁСАТ: НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТ

***Санаи 6-уми декабри соли равон дар толори бинои асосии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҷаласаи Раёсат таҳти сарварии муовини аввали ректор оид ба таълим Хурсанд Ҳамдамзода баргузор гардид, ки дар он муовинон оид ба илм, тарбия, иқтисод, робитаҳои байналмилалӣ, деканони факултетҳо ва сардорони шуъбаву идораҳои дахлдор иштирок доштанд.***

Дар ҷаласа масъалаҳои ҳолати феълии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ дар факултетҳои филологияи тоҷик, забон ва адабиёти рус, забонҳои хориҷӣ, ҳолати гузаронидани дарсҳои кушод (лексияҳо, семинарҳо, амалӣ, озмоишӣ, КМРО) ва ба дарсҳои ҳамдигар иштирок намудани омӯзгорони факултетҳои сиёсат ва идораи давлатӣ, менеҷмент ва идораи сайёҳӣ, гумрук ва таҳлили иқтисодӣ ва молиявию иқтисодӣ, иҷрои қарорҳои раёсат дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 мавриди баррасӣ ва муҳокимаи аъзои ҷаласа қарор гирифт.

Доир ба масъалаи аввали ҷаласа раиси комиссия мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ Шарифзода Шарифхон гузориш дод. Зимни ироаи гузориш иброз гардид, ки факултетҳои филологияи тоҷик, забон ва адабиёти рус, забонҳои хориҷӣ ба мақсади таъмини сифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири самтҳои омӯзгорӣ, корбасти тарзу усулҳои нави таълим, ривоҷи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори илмии факултетҳо кӯшиши беандоза зоҳир менамоянд.

Зимни санҷиш дар факултетҳои мазкур дар баробари муваффақияту дастовардҳо як қатор норасоиҳо ба назар расиданд: аз ҷумла новобаста ба собиқаи зиёди корӣ мавзуи илмӣ надоштани баъзе омӯзгорон дар факултети забонҳои хориҷӣ, ба талабот ҷавобгӯ набудани протоколҳои маҳфилҳои фаннӣ, паст будани потенсиали илмии кафедраҳо, миқдори ками мақолаҳои илмии дар нашрияҳои КОА нашаргардида дар баъзе кафедраҳо аз шумори норасоиҳои ошкоршуда мебошад.

Дар музокираи масъалаи баррасишуда аъзои ҷаласа Ҳ. Сафарбекзода иштирок намуда, баҳри беҳтар ба роҳ мондани кор дар ин самт андешаҳои судманд баён доштанд. Раиси ҷаласа барои бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта ва беҳтару хубтар ба роҳ мондани корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва илмӣ – методӣ ба масъулини факултетҳо дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Оид ба масъалаи дуюми ҷаласа раиси комиссия, мутахассиси маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи донишгоҳ Гулов Алимаҳмад гузориш дода, зикр намуд, ки ҳадафи асосии омӯзиши ҳолати дарсҳои кушод ва иштироки мутақобилаи омӯзгорон дар дарсҳо – такмили раванди таълим тавассути таҳлили усул ва шаклҳои таълим, мутобиқати онҳо ба талаботи барномаҳои таълимӣ, истифодаи технологияҳои муосир; баланд бардоштани маҳорати омӯзгорон, инкишофи фарҳанги педагогӣ, тақвияти ҳамкорӣ ва омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар, инчунин муайян намудани камбудиву пешниҳодҳои амалӣ барои беҳбуди минбаъдаи фаъолияти факултетҳо мебошад. Барои беҳтар шудани сифати дарсҳои кушод ба кафедраҳо тавсияҳои судманд пешниҳод гардид.

Вобаста ба масъалаи иҷрои қарорҳои Раёсат дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 ахбори котиб Файзалӣ Қурбонов шунида шуд. Мавсуф зимни суханронӣ қайд дошт, ки Раёсати донишгоҳ дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 мувофиқи нақшаи кории худ 5 ҷаласа гузаронида, 14 масъалаи банақшагирифтаро баррасӣ намуда, қарорҳои лозимӣ қабул намуд. Дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 масъалаҳое, ки ба самти корҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методӣ тааллуқ доштанд, мавриди баррасӣ ва муҳокимаи аъзоёни раёсати донишгоҳ қарор гирифтааст. Аз 14 масъалаи банақшагирифта 5 масъала хусусияти ахборотӣ дошта, 9 масъала хусусияти гузоришӣ дошт. Дар маҷмуъ ҳамаи масъалаҳои баррасишуда мусбат арзёбӣ гардида, ҷиҳати иҷрои онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Ҳамин тавр, дар ҷаласа масъалаҳои муҳими таълиму тарбия мавриди баррасии аъзо қарор гирифта, барои иҷрои саривақтии онҳо дастуру тавсияҳои мушаххас дода шуд.

# СӮҲБАТ – ВОХӮРӢ БО ХАТМКУНАНДАГОНИ ДОНИШГОҲ

***Санаи 6-уми январи соли равон дар толори китобхонаи донишгоҳ суҳбат – вохӯрӣ бо хатмкунандагон доир гардид, ки дар он Шодмон Асроров-сардори шуъбаи Раёсати Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон, Комрон Насринов – афсари мақомоти оперативӣ, муовини ректор оид ба тарбия, мудири шуъбаи тарбия ва донишҷӯёни таҳсилоти фосилавӣ иштирок намуданд.***



Дар ҷараёни суҳбат иштирокдорон доир ба масъалаҳои ҷалби хатмкунандагон баъди хатми донишгоҳ ба хизмати ҳарбӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳимояи марзу буми ватан, худшиносиву худогоҳии ҷавонон, тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ ва дигар масъалаҳо ибрози андеша намуданд.

Зикр гардид, ки хизмати ҳарбӣ на танҳо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди содиқ ба Ватан, балки мактаби бузурги тарбияи мардонагӣ, ҷасорат ва ватандӯстӣ мебошад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар таҳти роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароитҳои муосири хизматӣ таъмин гардидаанд.

Гуфта шуд, ки баъди адои хизмати ҳарбӣ барои ҷавонон имкониятҳои хуб дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили милитсия, Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар мақомотҳои ҳарбӣ пайдо мегарданд ва онҳо метавонанд баъди хизмати ҳарбӣ дар ин ниҳодҳо кору фаъолият намоянд.

Дар ҷараёни суҳбат Наргис Нурализода муовини ректор оид ба тарбия ва Набизода Эмомалӣ – мудири шуъбаи тарбия зимни суханронии худ доир ба тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии ҷавонон изҳори андеша намуда, зикр карданд, ки тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстии ҷавонон пойдевори устуворӣ давлат буда, на танҳо ҷасорат, балки садоқат ва масъулияти миллиро дар насли ҷавон бедор месозад, ки барои ҳифзи истиқлол ва сулҳу субот зарур аст.

Таъкид гардид, ки ҷавонони бонангу номуси кишвар бояд ватандӯст, далер ва шуҷоъ бошанд ва дар ҳифзи сарҳадоти муқаддаси ин сарзамини биҳиштосо пешсаф бошанд. Далериву зиракӣ ва ватандӯстии ҷавонон кафили сулҳу салоҳ ва ояндаи дурахшони кишвар аст.

Дар охир аз хатмкунандагон даъват ба амал оварда шуд, ки бо хоҳиши худ ба хизмати Ватан – Модар рафта, қарзи шаҳрвандию ҷавонмардии худро дар назди халқу миллат адо намоянд.

**Масъули саҳифа, Х.САЪДУЛЛЛОЕВ**

# СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ СОЛОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Дар Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16-уми декабри соли 2025 ба аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва сокинони кишвар пешниҳод гардид, масъалаҳои мухталифи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.***

Яке аз масоили меҳварӣ дар Паёми имсолаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушду тавсеаи гуногунҷабҳаи соҳаи илму маорифи кишвар мебошад. Сарвари давлат бо изҳори хушнудӣ ва эътимод ба кормандони соҳаи маориф ва илм баён доштанд, ки маҳз фаъолияти пурсамари кормандони ин соҳаҳо имкон фароҳам меорад, ки мутахассисони варзидаи ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ омода гардида, дар пешрафту рушди ҷомеа саҳми арзандаи худро гузоранд. “Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам”.




Дар воқеъ, соҳаҳои илму маориф дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта, барои рушди ин соҳаҳо аз ҷониби ҳукумати кишвар маблағҳои зиёде ҷудо мегарданд, ки пеш аз ҳама ин аз ғамхориҳои рӯзафзуни Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад. Ҳамасола бо дастгирии ҳукумат, соҳибкорону шахсони ватандӯст дар кишварамон муассисаҳои зиёди таълимӣ ва илмӣ бунёд мегарданд, ки ин омил ба сатҳи маърифату илмомӯзии насли наврасу ҷавони кишварамон мусоидат мекунад. Сарвари давлат аз зиёд намудани маблағзузориҳо ба соҳаҳои илму маориф ёдовар гардида, зикр карданд, ки дар шароити рушди босуръати илму техника зарур аст, ки мо насли наврасу ҷавони кишварамонро дар руҳияи илмомӯзиву касбазхудкунӣ таълиму роҳнамоӣ намоем. Чунончӣ: “Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд. Мо бояд талош намоем, ки онҳо дар зиндагии ояндаи худ, яъне ҳаёти мустақилонаашон азият накашанд. Фаромӯш набояд кард, ки вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат гирифтор мешавад, ки чунин ҳолат оқибатҳои даҳшатбор дорад”.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳамасола дар Паёмҳои солонаи Пешвои миллат музди маоши кормандони соҳаҳои илму маориф бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи иқтисодӣ баланд бардошта мешавад. Имсол низ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон музди маоши кормандони соҳаҳои зикршударо аз 20 то 25 фоиз баланд бардоштанд, ки ин ҳавасмандӣ ба раванди болоравии сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таълим мусоидат мекунад.

Бояд ҳар фарди худшиносу худогоҳ Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба омӯхта барои дар амал татбиқ намудани бандҳои он саҳми худро гузорад.

**Шарипов Сангимурод,**
**дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигорӣ**

# ЗИЁИЕ ОЗОДИХОҲ, САРАФРОЗ ВА ШАРАФМАНД

***Дар байни қишлоқҳои Вознавд ва Деҳи Рӯшон як мавзеи ниҳоят хатарнок, бо номи «Гардиши Наврӯзалӣ» вуҷуд дошт. Ҳисоб кардаанд, ки дар муддати истифодаи роҳ, фақат дар ҳамин қитъа, садҳо мошин бо мусофир ва бору бандашон ба коми дарё фурӯ рафтаанд.***

Як рӯзи зимистон сардори шуъба маро даъват карда, фармон дод:

– Мошинро бигиред. Таъҷилан ба мавзеи «Наврӯзалӣ» равед. Дар он гардиш таркиш таъйин шудааст. Дар муқобили ин мавзеъ, деҳаи Нешдори афғонҳо ҷойгир аст. Сокинонаш дар таҳлука афтодаанд. Бо онҳо ба алоқа бароед. Дар сурати эҳтимоли осеб дидан, аз номи Ҳукумати Шуравӣ замонати барқарор кардани хонаҳои ононро расонед.

Ман рафтам ва ончунон кардам. Барои он ки суҳбат боварибахш шавад, бо худ марди солманду солор, директори мактаб, шахси бообрӯ, дӯсти худам Душанбе Амрихудоевро ҳам гирифтам.

Чун ба таркиш омодагӣ медидем, муҳандис моро тақрибан ду километр дуртар, ба мавзеи бехатар бурд. Нигоҳ кард, ки дар самти чапу рости мо кӯҳҳо наздик набошанд. Зеро онҳо ҳам метавонистанд, аснои тарконидани мавзеъ ба сари мо фурӯ резанд.

Дар як баландӣ аломатчиеро бо се байрақчаи ранга монданд. Байрақчаи сабз нишони омодагӣ, бо бардоштани байрақчаи зард мо бояд рӯйи замин хобида, интизори таркиш мешудем ва он баъди сӣ сонияи бардоштани байрақчаи сурх рух медод. Чун байрақчаи сурх бардошта шуд, ҳамроҳони хуби итоаткори мо тибқи супориш амал карданд.

Ман фикр кардам, ки ҷойи таркиш дур аст. Дуюм, агар санге задан насиб бошад, дар ҳолати хобидан болои замин ҳам мезанад. Ҷойи гурез нест. Беҳтар аст, як бор бо чашми худ яке аз бузургтарин таркишҳоро дар Бадахшон бубинам.

Тибқи ҳисобҳои муҳандисон, бояд як кӯҳи ба андозаи хонаи сиошёна баланд ва ба вусъати варзишгоҳи «Истиқлол» паҳноидошта тарконида мешуд.

Филмҳо ҳама бозии техникианд. Ин ҷо бошад, воқеият буд. Ман ба таркиш худро руҳан омода сохта, панҷаҳои пой ва зонуҳоро ба шароити чунин ҳодиса гӯё мувофиқ карда будам. Ҳамин замон, бидуни садое замин аз таги пойи мо хомӯшона рафт, монанди он, ки дар болои ягон асбоби атрактсионии боғи бачагона истода бошем. Сипас, аз се ду қисми кӯҳи «Наврӯзалӣ» мисле, ки ба самти осмон ҳаракат мекарда бошад, на яку якбора, балки ба назари ман, ба оҳистагӣ баланд шуд. Дар ин сония чунон таркише, ки замину замон, кӯҳу дарраҳоро бардошта, бо садои гӯшкаркунандаи пурдаҳшат ба гунбади сангини осмон мезада бошад, ба вуқуъ пайваст.

Роҳбари идораи геологияи вилоят Зуҳур Ёров ном марди ботаҷрибаи ванҷӣ бо мо буд. Ӯ низ дар қатори дигарон, ягона шахси дар сар тоскулоҳдошта, дар замин ба шикам мехобид.

Баъди таркиш ҳама аз ҷо хестанд. Зуҳур Ёров қариб нафас накашида мехобид. Аз ҷо нахест. Мо хавотир шудем. Ду - се каса дасташро гирифта, аз замин бардоштем. Соқу саломат. Ба ҳоли ӯ хандидем. Ин замон гӯё тӯфон шуда бошад, як даста хоку регу сангчилҳо ба сари мо мисли ҷола рехтанд.

Зуҳур Ёров ба шеваи ванҷӣ:

– Ана, оли бханде! Соз амуйе механда, ки охирун бханда. Оли шмо маракo шаттаи гови мрдара нахӯрайе. Дийе, нав хокойи «Наврӯзалӣ» дар сармн рехтн. Ага санг миюмад, чӣ мешӣ?!!! Шумо, бесаводо, мага нахундайе, ки суръати санг аз суръати овоз камтарай. Олӣ, бханде, бханде! – гуфта, изҳори малолӣ кард.

Аз чангу хок ду метр он тарафтар чизе дида намешуд. Ин ҳолат тақрибан чил дақиқа давом кард. Хокбориш оҳиста-оҳиста нишаст. Самти «Наврӯзалӣ» рӯшан шудан гирифт.

Мо дамидани оби дарёи Панҷро дидем, ки дар натиҷаи таркиш қисмати кӯҳпораҳо пеши раҳи онро гирифта буд. Аз мавзеи ҳодиса ин тараф, кӯли калон ба вуҷуд меомад. Зуҳур Ёров моро ором кард, ки ин ҳолат ба ҳисоб гирифта шудааст. Таркиш самтӣ буд. Ба дарё зиёни сахт нарасидааст. Чанг қариб пурра бартараф шуд. Кӯҳтеппаи «Наврӯзалӣ» ғарами сангпораҳои бузургро мемонд. Роҳи Хоруғ – Душанбе ба пуррагӣ маҳкам. Зуҳур Ёров гуфт, ки имшаб дар қишлоқи Деҳ меистем. Аммо бобои Душам дасти маро гирифта:

– Раҳмат Зуҳур Ёрович, коратро кардӣ, раҳи моро бастӣ. Мо ҷойи таркишро бинем, баъд қарор қабул мекунем, чӣ бояд кард.

Мо бо Зуҳур Ёрович, ки шахси зиёӣ ва хушчақчақ буд, хайру маъзур кардем. Бобои Душам пешопеш, ман аз дунболаш, қариб як соат аз ғарами кӯҳпораҳо базӯр гузашта, пиёда самти деҳаи Шипад ҳаракат кардем. Мошини ман дар қишлоқи Деҳ монд. Баъди ду гардиш «Москвич»-и ҷияни бобои Душам моро интизор будааст.

### РАФИҚОНИ БУЗУРГИ НОМВАР ҶӮЙ

Дар мошин савор шудем. Бобои Душам:

– Язгулом, хонаи як дӯсти ман меравем, – гуфт.

Ман рафиқи бобои Душамро намедонистам, аммо аз он, ки бо ҳамин баҳона Язгуломро мебинам, ин таклиф хушам омад.

– Бобои Душам, ман аз сардор иҷозати ба Язгулом рафтанро нагирифтаам, – гуфтам бо ҷиддият.

– Эҳ, хуб одами сода будаӣ. Охир, ту ҳангоми таркиш дар ин тарафи овринги «Наврӯзалӣ» будӣ. Роҳ пурра маҳкам. Акнун шаб торик шуд. Куҷо меравӣ? Бояд дар ягон ҷо шабро рӯз кунӣ!

– Дурӯғи маслиҳатомез. Баҳонаи бад нест. Меравем! – гуфтам ман бо қотеият.

Ҳамин тариқ, мо тахминан баъди чил - панҷоҳ дақиқа ба дараи Язгулом расидем. Каме дуртар, дар саргаҳи деҳа, аз самти чап, дар соҳили дарёи Язгулом ва доманакӯҳ, як хонаи бузурги бо таҳкурсиҳои барҷаста қоматафрохта намудор гашт. Аз мошин фаромадем. То дари «чаппарак»-и чӯбӣ нарасида, дар берун моро як марди тахминан чилу панҷ - панҷоҳсола, гандумгун, қадбаланд, чашму абрӯсиёҳ, зиёӣ, бо куртаи сафед, гарданбанд, шими сиёҳ, ҷомаи оҳарии сиёҳ дар тан, тоқии нави чустӣ дар сар, бо оғӯши кушода ва чеҳраи болида пешвоз гирифт ва «хуш омадед!» гуфт. Ба ҳавлӣ даъват кард.

– Душанбе, дӯсти азизам! Меҳмонхона ҳам тайёр, хонаи калон ҳам. Шумо куҷоро интихоб мекунед? – гуфта, бо меҳрубонии зиёд пурсид соҳибхона.

– Ҳусейнзода, мебахшед, ман рафиқи худро муаррифӣ накардам, – баъди номи маро гирифта шиносонидан, суханашро давом дода, – падари ин кас ҳам мисли ману ту муаллим аст. Ин мардак рӯзи сармое, бо кадом муносибате, як сухани падарашро ёдовар шуда буд. Он ба ман маъқул шуд: «Бачам, дар зимистон, мабодо, шиками меҳмонро гушна монӣ ҳам, лекин ҷояшро гарм нигоҳ дор», – гуфт.

Соҳибхона хушҳол гашт ва фармуд:

– Фаҳмидам, Душанбе. Дар хонаи калон бо аҳли оила мешинем. Ҷойи кӯдак доим гарм аст.

Ҳамин тариқ, мо ба хонаи «ҷойдорӣ» (мардуми Бадахшон хонаҳои усули маҳаллии худро ҳамин тавр ном мебаранд) гузаштем.

Агар ба таври муъҷаз гӯем, ин хонаҳо тақрибан як толори барҳавои бузурги чоркунҷаро мемонанд. Дохили он аз даромадгоҳ, фарши хона, роҳрав ва се сурфаи дасти рост, чап ва мобайн ба қади зону иборат аст. Дар мобайн бухории русии, одатан, калон ва барои гарм кардани хона мувофиқ, дар самти чап ё рост дегдон барои пухтани хӯрок ва нон, қисмати дигари пойини ин се сурфа, асосан, ганҷурхона ҳаст. Ҳар хонаи бадахшонӣ мисли осорхона зебо, гуворо ва дилкаш аст. Сақфи хона вобаста ба андозаи он бо чор, шаш ё дувоздаҳ сутуни мустаҳкам хуб сайқал ва оро дода шуда, бо чӯбҳои маҳаллӣ пӯшонида, мобайни хона аз чор ё панҷ чоркунҷаи чӯбӣ бо тарзи якдигарро дар ними андоза буридан, рӯйи ҳам гузошта шудаанд. Онҳо дар сақф тавассути тирезаи мисли китоб кушодашаванда анҷом меёбанд. Як табақаи ин тиреза бо банде, ки ба андозаи қади одам кушода ва пӯшида мегардад, идора мешавад. Ғайр аз ин, ҳар чор девори хона як-ду тирезаи калон дорад.

Хонаҳо бо ҳар гуна овезаҳои миллии тоҷикӣ, дасткориҳои ҳунармандони худи хонадон ва минтақа оро дода шудаанд. Дар ҳар хона асбобҳои мусиқӣ – дутору сетору ғижжак ва дафу доира овезонанд, ки даромадан баробар, меҳмонро аз соҳибзавқу зиндагидӯстдории соҳибонашон огоҳ мекунанд. Чунин манзил барои фазои оила ҳам мувофиқ мебошад. Яке аз сабабҳои мустаҳкамии қавмияти бадахшонӣ, қаробати бештари хешу таборон, дӯстон ва ҳамсоягон ба якдигар, ҳамин хусусияти хонаҳои онҳо ҳам ҳаст.

Бад ин минвол, ба хонаи Ҳусейнзода ворид гаштем. Дар он айни гуфтаҳо, аз он зиёдтар ва беҳтарро дидем. Соҳибхона пештар аз омадани меҳмонон хабар доштааст ва дастурхонро бо тамоми анвои хӯрданию нӯшиданӣ, ки дар он замон буд, зеб додааст. Амаки Ҳусейнзода сербача ва онҳо ҳамагӣ мактабхон будаанд. Даромадан замон якеашон, боодобона, дасти моро об гирифт, дигарӣ чою нони гарм меовард. Мисле, ки махсус дарс гузашта бошанд, хизмат мекарданд. Соҳибхона ду мурғи марҷони хуб обпазшуда ва дилу ҷигари онро бирён карда, болои дастурхон гузошт. Шаби мо бо роҳат мегузашт. Баъди дастурхонро ғундоштан чою мураббову асалро болои мизи хурд гузошта, соҳибхона рубобро гирифт ва ду писарбачаи ӯ, бе фармони иловагӣ, доираву таблро бардоштанд. Руҳи бобои Душам аз ин манзара боз ҳам болидатар гашт.

Ҳусейнзода оҳанги ширини «Эй шӯх, аҳдат нашканӣ»-ро чунон устодона навохт, ман гумон кардам, ки ӯ мусиқанавози касбӣ аст. Ба рубоб, ба пардаҳои он нигоҳ намекард. Рӯяшро ним боло гирифта, чашмонашро бо оҳанги диловез мувофиқ кунонда, озод ба торҳои рубоб нохун мезад. Гумон мекардӣ, ки ин асбоби мусиқӣ умре дар даст ва қисмати муҳимми ҳаёти ӯст. Аз сеҳри ангуштонаш рубоб нола мекард. Агар кас порчаи шеърие донад, ҳатман, зери лаб ба сурудхонӣ моил мешуд.

Санъату касбияти Ҳусейнзода дар он ҳам зоҳир мешуд, ки панҷ панҷаи ӯ бо торҳои пасту баланди рубоб чун парниён ишораҳо мекарданд ва аз чунин шавкати дақиқу мувофиқу мутобиқ торҳои асбоби сеҳрнок ва пардаи шаффофи он розҳои дили инсонро бо садоҳои гӯшнавоз ошкор менамуданд. Ба онҳо посух медоданд. Онҳоро марҳам мебахшиданд. Чун мусиқӣ анҷом ёфт, бобои Душам:

– Э, аҳсан! Офарин! Ту дар Язгулом ҳайф шудаӣ. Охир ҷойи туву асбобу овози ту на танҳо ҳамин як дараи хурд аст. Шумо барин инсонҳоро ман дастоварди тамоми мардуми Тоҷикистон мешуморам. Канӣ, акнун ду даҳан бигир, шунавем.

Ҳусейнзода пиёлаи чойро ҳурт кашида, ба бачаи калониаш як имо кард. Аз пайи садои доира оҳанги зебое баланд шуд ва ӯ ғазалеро сароид, ки ду байти аввалаш ин буд:

**Хезу дар косаи зар оби тарабнок андоз,**
**Пештар з-он ки шавад, косаи сар хокандоз.**
**Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,**
**Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз...**

Ҳамин тариқ, Ҳусейнзода ду-се ғазал хонд. Рубобро ба бобои Душам дод.

Ман навозишу сурудхонии дӯсти рӯшонии худро хуб медонистам. Ӯ бошад:

– Майлаш, Ҳусейнзода, лекин ҳамон ғазали дӯстдоштаамонро бо ҳам мехонем гуфта, оҳанги шӯхро ба навохтан сар кард ва ҷураҳои ҷонӣ суруд оғоз намуданд, ки матлааш ин буд:

**Мутриби хушнаво бигӯ, тоза ба тоза, нав ба нав,**
**Бодаи дилкушо биҷӯ, тоза ба тоза, нав ба нав.**

Ҳамин тариқ, посе аз шаб гузашт. Бобои Душанбе ва мо бо изҳори миннатдорӣ майли хестан ва падруди хонадон кардем. Соҳибхона:

– Дар ин шаби торику ҳавои моил ба барфу борон, ҳатто бегонаи беинсоф ҳам мусофиру раҳгузарро раҳо нахоҳад кард. Наход шумо гумон кунед, ки ман баръакси он кунам. Хонаи хобатон ҳоло хуб гарм шудааст. Он ҷо гузашта роҳат мекунед. Фақат субҳ, баъди ширчойи чормағзии язгуломӣ ба муҳокимаи ин масъала мегузарем, – гуфт бо хушҳолӣ.

Мо, албатта, ин таклифро қабул кардем. Як ҷузъиёт ногуфта намонад, ки тамоми шаби меҳмондориву суруд, муаллим Ҳусейнзода бо ҳамон либоси тозаву озода, куртаи сафеду галстук, мӯйи сари мошу биринҷи шонакарда ва бо эҳтиёт қайчидида, дар худ симои воқеии зиёии Бадахшон ва замонаро таҷассум мекард. Субҳ баъди тановул бо изҳори миннатдорӣ он даргоҳро падруд гуфтем.

### ШӮРИ ДАВРИ ҚАМАР ВА ОФОҚИ ПУРФИТНАВУ ШАР

Месазад ҷиҳати тафсири тақдири муаллим Ҳусейнзода аз ёдҳо, чанд лаҳзаи дигар пеш равем.

Солҳо гузаштанд. Ҳукумати Шуравӣ шикаст хӯрд. Наҳзати исломии хусуматҷӯҳи ҳукуматхоҳ ҷанги хонумонсӯзи бародаркушро зери ниқоби дин оғоз кард. Замину замонро ташвиқи нифоқ гирифт.

Муаллим Ҳусейнзода аз ин авзоъ сахт ноҳоҳат буд. Бо чашми худ медид, ки баъзе зиёинамоҳо дунболи таассубу риёву хурофоту дурӯягиро гирифтаанд. Ва мегуфт:

**Сарову мадрасаву баҳси илму тоқу равоқ,**
**Чӣ суд, чун дили донову чашми бино нест?**
**Сарои қозии Язд арҷӣ манбаи фазл аст,**
**Хилоф нест, ки илми назар дар он ҷо нест.**

Чун «ҳунар хор шуду ҷодуӣ арҷманд», овози табли соҳибкамон бар бод дода нанг, майдони ростиву дӯстӣ шуда танг, манзалати донишманду донишситой гашта мустаманд – бар машъалгари хирад аду эълон намуда ҷанг.

Ташвиқгарони мардонагиву ватандӯстӣ ва озодагию ворастагӣ дар кӯчаю хиёбонҳо ва манзилу маконашон пайгир, таъқибу дастгир ва ба қатл расонида мешуданд.

Майли морони Заҳҳоки давр, ки ду-се аҷнабисиришт тухм гузошта, аз он морбачаву аждаҳо парвариш карда буданд, майл ба лонаи шаҳбозу шоҳин ва мағзҳои миллат густурда, онҳоро ғизои лоямавти худ интихоб карда буданд.

**Ҳар киро роҳбар заған бошад,**
**Гузари ӯ ба марғазан бошад.**

Шаҳпари зоғу зағани дохилу хориҷ ин тоифаро сарвару раҳнамун гардид. Ин боди бетахтӣ ва зуҳуроти бадбахтӣ дар дараи Язгулом ҳам пайки вусъату сахтиву қаҳтӣ ба намоиш гузошт.

Соли 1994 дастаҳои Ҷумъаи Намангонӣ, Ризвон Садиров, Баҳром Садирову дигарон аз Афғонистон ба водии Язгулом сар халонданд. Барои ваъз гуфтан, сиёсат кардан, сафҳои худ зиёд намудан, сокинони деҳаҳои водиро дар хонаи маданияти қишлоқи Мотравн ҷамъ оварданд. Ҳамчунон ғараз доштанд, усули гуфтори хеш бар ҳамагон таҳмил намоянд:

**Онро, ки бибояд-ш сутудан, бинакӯҳед,**
**В-онро, ки накӯҳидан шояд, биситойед.**

Ҳусейнзода инро шунида, ба неву нестони фарзандону ҳамдиёрон гӯш надода, шиму костюм, куртаи сафед, гарданбанд пӯшида, пешопеши мардум вориди клуб мегардад. Саркардагони террористон чун мебинанд, ки сокинон базӯру нозӯру ихтиёрӣ дар клуб ҷамъ шудаанд, ба саҳна мебароянд. Ҳамаро ба пайвастан ба «лашкари озодибахши ислом», ба «ҷиҳод»-у куштору несту нобуд кардани «кофирон»-у «муртадҳо»-ву «мунофиқон»-у «тоғутҳо» даъват мекунанд. Дар охир мепурсанд:

– Оё ҳаст дар байни шумоҳо нафароне, ки сухан гӯянд?

Ҳама аз тарс хомӯш мемонанд. Ҳусейнзода нопурсида, рост ба минбар мебарояд. Ва мегӯяд:

– Мо, тоҷикон баъд аз ҳазор сол бори дигар давлати мустақили худро пайдо кардем. Дар роҳбарияти ҷамоат, ноҳия, шаҳр, вилоят, мамлакат ягон нафари бегона намонд! Ҳама тоҷик, ҳама мусулмонанд! Шумо ба муқобили кӣ ҷиҳод карданӣ ҳастед?!!! Дар оташи ҷанге, ки алангаи онро ба осмонҳо бардоштед, ҳар соат онро доман мезанед, беҳтарин фарзандони миллат – шахсони ғаюр, далер, зиёӣ нобуд шуда истодаанд! Фардо ин Ватанро кӣ ҳифз мекунад?!!! Кӣ месозад?!!! Бо ҷиҳод гуфтан, шумо миллати худро, тоҷики худро нобуд мекунед!!! Фардо дар назди таърих чӣ ҷавоб мегӯед?!!!

Ризвони қотил даст ба ҷайб бурда, мехоҳад таппончаро гирифта, муаллимро ба қатл расонад, ки дар якҷоягӣ тамоми ҷавонмардони ғаюри язгуломӣ барои ҳифзи муаллим аз ҷойҳо хеста, пеши роҳи ин ғоратгари одамкушро мегиранд. Мӯйсафедон, пиронсолон зораву илтимос мекунанд, ки онҳоро кушанд, аммо ба муаллим Ҳусейнзода кордор нашаванд.

Чун авбоши одамкуши хатонасаб мебинад, ки язгуломиҳо ҳама паҳлавонсурату бузургсиратанд ва шояд дар «ҷиҳод»-и ӯ имкони истифодаи онон ҳам пайдо шавад ва ё ҳадди ақал, худи ӯ аз ин дара ҷон ба саломат барад, дандон хоида, таппончаро дар ғилоф меандозад. Фармон медиҳад, ки ҳама дар ҷойҳои худ шинанд ва истеҳзоомез мепурсад:

– Ҳа, муаллим! Боз чизи гуфтании дигар доред?!!!

Муаллим:

– Ҳа! Ман бисёр чизи гуфтанӣ дорам. Лекин агар ту аз пушти падарат бошӣ ва шири модарат бар ту ҳалол бошад, охирин суханамро дар ёдат бигир:

**Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт!**
**Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт!**
**Исо ба раҳе дид, яке кушта фитода,**
**Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт!**
**Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ зор!**
**То боз, кӣ ӯро бикушад, он кӣ туро кушт!**
**Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас!**
**То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт!!!**

Ҳусейнзода дигар ба ягон кас нигоҳ накарда, аз маҷлисгоҳ баромада меравад. Зану марди Язгулом аз қафои муаллим мебароянд.

Ба неву нестони устоди худ гӯш надода, то аз дараи Язгулом нобуд шудани Ризвону дигар саркардагон ва ҷангиёни террористи онон, ҷавонмардони язгуломӣ устоди худ – муаллим Ҳусейнзодаро шабу рӯз ҳифз мекунанд.

Бо гузашти чанд сол ман ба дараи Язгулом рафтам. Мардуми он диёр дар як майдони кушод ҷамъ омада буданд. Ман ба онҳо дар бораи сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амнияти мамлакат суҳбати озод доштам. Дар охир чанд нафар бо намояндагӣ аз мардуми водии Язгулом бо шукргузорӣ аз давлат, изҳори омодагӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ сухан гуфтанд. Яке аз онҳо муаллим Файзиддин Ҳусейнзода, фарзанди ҳамон зиёии озодихоҳ, сарафрозу шарафманд, устоди шинохта ва ҷойгузини падари бузургвораш буд.

***(Аз китоби С. Ятимов «Ёддоштҳо», ҷилди 2, Душанбе, «Эко Принт», 2024, саҳ. 121-134)***

**ЗАМИМАИ 1**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-951**

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (минбаъд - Озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2026 баргузор мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун, дигар табақаҳои аҳолӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ доир мегардад.

3. Озмун аз рӯйи чор номинатсия баргузор мешавад:
- адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ;
- адабиёти классикии тоҷик;
- адабиёти муосири тоҷик;
- адабиёти ҷаҳон.

4. Довталабони номинатсияҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ (4 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);
- гурӯҳи сеюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ;
- гурӯҳи чорум- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

2) Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик (5 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);
- гурӯҳи сеюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ;
- гурӯҳи чорум- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи панҷум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

3) Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик (5 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);
- гурӯҳи сеюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ;
- гурӯҳи чорум - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи панҷум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

4) Номинатсияи адабиёти ҷаҳон (5 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);
- гурӯҳи сеюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ;
- гурӯҳи чорум - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи панҷум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулони баргузории Озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ», кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, телевизион ва радио ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд.

7. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун масъул буда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

9. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, раёсату шуъбаҳои маориф, бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш, шуъба ва бахшҳои вилоятию минтақавии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон масъулони ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

## 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

10. Барои гузаронидани Озмун комиссияи Озмуни ҷумҳуриявӣ (минбаъд-комиссияи Озмун) таъсис дода шуда, ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

11. Ваколати комиссияи Озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми Озмун;
- барои ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- муайян намудани ҷойи баргузории даври сеюми Озмун дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи довталабони Озмун ба даври чорум;
- таъсиси комиссияи апеллятсионӣ;
- баррасии пешниҳоди ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон;
- тасдиқи протокол ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони даври сеюм ва чоруми Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиносоӣ ва маълумот.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи марти соли 2026 то моҳи ноябри соли 2026 ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:
- даври якум - моҳи феврал дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Эзоҳ: донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо) танҳо дар маҳалле иштирок карда метавонанд, ки муассисаи таълимӣ ва ё илмиашон дар ҳамон маҳал қарор дорад;
- даври дуюм - нимаи аввали моҳи май дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо.

Эзоҳ: даври дуюми Озмун аз ҷониби намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат карда мешавад;
- даври сеюм – нимаи аввали моҳи октябр дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чоруми Озмун барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм моҳи ноябр дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» баргузор мегардад.

13. Протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюм ба комиссияи Озмун бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва раисони ҳакамон ба даври чорум пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои Озмун дар деҳот, шаҳрак, маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

15. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм ва сеюми Озмун ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вогузор карда мешавад. Шумораи ғолибони даври сеюми Озмун, ки ба даври чорум пешниҳод мешаванд, аз ҳар як номинатсия ва гурӯҳ набояд аз 6 нафар зиёд бошад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш карда мешавад.

17. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи Озмун то 1 ноябр муқаррар карда мешавад.

18. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти ӯ) метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад. Намунаи шартномаро Вазорати маориф ва илм омода карда, ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

19. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» ва кумитаҳо оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, телевизион ва радио масъули гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони Озмун мебошанд.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

20. Дар Озмун хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун, дигар табақаҳои аҳолӣ, ҳамватанони бурунмарзӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ иштирок карда метавонанд.

21. Довталаби Озмун ба рӯйхати китобҳои хондашуда асарҳоеро бояд пешниҳод намояд, ки аз доираи китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ берун бошанд.

22. Дар вақти холгузорӣ ба миқдори асарҳои хондашуда, мухтасар баён кардан, дарки мазмуну муҳтавои асар, хониши ифоданок, шарҳу тавзеҳи калимаҳо бартарӣ дода мешавад. Довталаби Озмун ба ҳайати ҳакамон маҳорату малака, қобилияти хондан ва аз худ кардани осори адибонро пешниҳод менамояд.

23. Ҳайати ҳакамони Озмун аъзои фаъоли китобхона будани довталабро ба инобат мегиранд.

24. Ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлол, тараннуми дӯстию рафоқат, озодию осоиштагӣ, сулҳу субот, инъикоси саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ ва тасвири табиати зебои кишвар бартарӣ дода мешавад.

25. Пешниҳоди осори азбаршуда асосан бо забони тоҷикӣ сурат мегирад. Довталаби Озмун дар интихоби забон ҳангоми хондан ва аз худ кардани осори адабиёти кӯдакон ва наврасон, осори адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст. Ба довталабе, ки осори бадеии адибони ҷаҳонро бо забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайра) пешниҳод менамояд, бартарӣ дода мешавад.

26. Довталаби Озмун метавонад аз намунаҳои эҷодиёти халқ, аз ҷумла афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва ғайра вобаста ба номинатсияи интихобкардааш истифода намояд.

27. Дар даври чоруми Озмун довталаб шарҳи ҳоли мухтасари худ, рӯйхати асарҳои хонда ва азбаркарда (номи шеъри азёдкардашуда ва номгӯйи асарҳои насрии мутолиакардаашро бо зикри номи муаллиф) ба комиссияи Озмун дар се нусха ба таври ҳатмӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд. Зикри маълумоти зиёдатӣ, аз ҷумла мазмуни мухтасари асар, қаҳрамонони он, шакли пурраи шеъру ғазалу достон шарт нест.

***(Давомаш дар саҳ. 5)***

***(Аввалаш дар саҳ. 4)***

28. Дар сурати ба талабот ҷавобгӯй набудани номгӯйи асарҳо, пурғалат будани дафтар, ҳамчунин, мукаммал набудани матни шеъру достонҳо ва ё изофанависӣ намудани миқдори матнҳои азбаркардашуда, холи довталаб кам карда мешавад. Ҳакамон метавонанд, ки ба рӯйхати пешниҳоднамудаи довталаб маҳдуд нашуда, ба ӯ аз асарҳои дигари маълуму машҳури адибони муосиру классику ҷаҳон вобаста ба номинатсияи иштироккардааш савол диҳанд.

29. Агар довталаб хонандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд гирифта шуда бошад ва дар даври чоруми Озмун донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонанда дар даври чоруми Озмун иштирок мекунад.

30. Ғолиби даври чоруми Озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардидааст, то 5 сол дар Озмун ва минбаъд дар номинатсияи ғолибомадааш ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

31. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар назди шуъба ва раёсатҳои маориф комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои довталабони Озмунро таъсис дода, як нафарро ба таври ҳатмӣ котиби масъул таъин менамоянд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро дар асоси бандҳои 27, 29 ва 30 санҷида, дар асоси санад онро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунанд. Котиби масъули комиссия суроға, рӯз ва ҷойи баргузории Озмунро ба довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамояд.

## 6. ТАЛАБОТ БА ДОВТАЛАБОНИ ОЗМУН

32. Маҳорату истеъдоди довталабони Озмун аз рӯйи хондани осори манзум ва мансури бадеӣ муайян карда мешавад:

- барои довталабони Озмун хондани роман, повест, ҳикоя, новелла ва дигар жанрҳои адабӣ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;
- довталаб дар хондани шеърҳо (ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, порчаҳо аз достонҳо ва дигар жанрҳои лирикӣ) вобаста ба номинатсияи интихобкардааш озод аст.

## 7. МЕЪЁРИ АРЗЁБӢ

33. Ҳайати ҳакамони Озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталаб аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- барои таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлолу озодӣ, инъикоси саҳм ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, сулҳу субот, бунёди роҳу нақбҳо ва иншооти бузурги аср, корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар бунёдкорию ободонӣ;
- барои қобилияти нақл ва тарзи қироат, шарҳи мухтасари асар, маълумот оид ба қаҳрамонони асар, баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар, қобилияти озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ, ҳунари ровигӣ, қобилияти луғатдонӣ ва шарҳи маънои луғавии вожаҳо, дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар, таассурот аз хондани асар.

34. Ба ҳар як довталаб барои муаррифии китобҳои хондааш ва нақлу хондани шеърҳо аз 20 то 40 дақиқа вақт дода мешавад.

35. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад. Дар вақти холгузорӣ ба миқдори асарҳои хондашуда, мухтасар баён кардан, дарки мазмуну муҳтавои асар, хониши ифоданок, шарҳу тавзеҳи калимаҳо ва ҷавобҳои пурра 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 9 хол, барои ҷавоби хуб то 7-8 хол, барои ҷавоби миёна то 5-6 хол, барои ҷавоби аз миёна поёнтар то 3-4 хол, барои ҷавоби суст 1-2 хол гузошта мешавад.

## 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

36. Ҳайати ҳакамони даврҳои Озмуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро раиси комиссияи Озмун бо санади дахлдор тасдиқ менамояд. Ҳайати ҳакамон амалҳои зеринро иҷро мекунад:

- тибқи пешниҳоди комиссияи Озмун маҳорату истеъдоди довталабонро натиҷагирӣ мекунад;
- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамояд;
- натиҷаи Озмунро дар протокол дарҷ карда, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ менамояд.

37. Ҳайати ҳакамони даврҳои Озмуни шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо пешниҳоди комиссияи тадорукоти шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

38. Ба ҳайати ҳакамони даври Озмуни шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, шоирону нависандагон, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва иттифоқҳои касаба ворид мешаванд. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису аъзо бояд 5 нафар бошад.

39. Хулосаи ҳайати ҳакамони даври чорум дар комиссияи Озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

40. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

## 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

41. Хароҷоти баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми Озмун, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва сарчашмаҳои дигари маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

42. Ғолибони даврҳои якум, дуюм, сеюми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

43. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми Озмун сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ё барандаи Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида мешаванд.

44. Падару модароне, ки фарзандони онҳо дар даври чоруми Озмун ғолиби ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё барандаи Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони «Маърифатпарвар» ва «Ифтихорнома»-и Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд.

45. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми Озмун аз суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

46. Ба ғолибони даври чоруми Озмун ва ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар даври чоруми Озмун ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё Шоҳҷоизаро сазовор шудаанд, ба омӯзгорони онҳо, инчунин, ҳайати ҳакамон ва мутахассисон тибқи тартиби муқаррргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад. Сметаи хароҷоти маблағҳои иловагии пешбинигардида бо комиссияи Озмун мувофиқа карда мешавад.

47. Рӯйхати ғолибони даври чоруми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз тарафи комиссияи Озмун омода ва барои маълумот ва шиносоӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

48. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тартиби додани мукофот ва ҷоизаро раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

49. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

## 10. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ ЧОРУМИ ОЗМУН

50. Барои иштирок дар даври чоруми Озмун ба комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои зерин дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод мешаванд:

- маълумоти мухтасар дар бораи довталаб;
- рӯйхати асарҳои мутолиашуда;
- номи шеър, достон ё мисраи аввали ашъори азёдшуда;
- нусхаи чопӣ ва электронии шеърҳои азёдкарда, рӯйхати асарҳои насрии мутолиакарда бо зикри номи муаллиф;
- нусхаи протоколҳои ҳайати ҳакамони даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун.

51. Ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюми Озмунро ба даври чорум котиби масъули комиссияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба комиссияи Озмун пешниҳод менамояд.

## 11. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

52. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе метавонад иштирок намояд, ки дар даври чоруми Озмун дар гурӯҳи номинатсияи худ ҷойи якумро сазовор гардидааст.

53. Дар ҳолати муайян шудани ғолиби Шоҳҷоиза натиҷаи ҷойҳои ишғолкардаи ғолибони ҳамон гурӯҳи номинатсия як зина боло бардошта мешавад.

54. Барандаи Шоҳҷоиза довталабе шуда метавонад, ки ба саволҳои иловагии ҳакамон ҷавоб дода тавонад, дафтари ӯ ҷавобгӯйи талаботи Низомномаи Озмун буда, рӯйхати асарҳои мутолианамуда ва азёдкарда мутобиқ ба синну сол ва гурӯҳи худаш бошад. Ҳангоми баҳо додан донистани забонҳо ва аъзои фаъоли китобхонаҳо будан, талабот ва нуктаҳои бобҳои 6 ва 7 Низомномаи мазкур ба эътибор гирифта мешавад.

## 12. ИМТИЁЗҲО

55. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11), донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр), ки дар даври чоруми Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ё барандаи Шоҳҷоиза гардидаанд, ба ихтисоси интихобкардаашон ба муҳлати се сол бе Озмун ва ройгон дар асоси тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ қабул карда мешаванд. Хонандагон ва донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои пулакӣ таҳсил мекунанд, дар сурати дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ва ё Шоҳҷоиза гардидан, ба гурӯҳи ройгони таҳсил гузаронида мешаванд. Тартиби қабули ғолибони даври чоруми Озмун ва барандаи Шоҳҷоизаро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

56. Довталабони даври чоруми Озмун (хонандагони синфи 11) дар соли ҷорӣ ба ихтисосҳои омӯзгорӣ ва филологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе Озмун ба тариқи ройгон қабул карда мешаванд. Тартиби қабули довталабони даври чоруми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

57. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 3 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

**ЗАМИМАИ 2**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-951**

# ҲАЙАТИ КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) - раиси комиссия;
вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси комиссия;
муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби комиссия.

**Аъзои комиссия:**

сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

***(Давомаш дар саҳ. 6)***

*(Аввалаш дар саҳ. 5)*

**ЗАМИМАИ 3**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-951**

# ҶОИЗАҲОИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

**1.** Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ (4 гурӯҳ):
- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

**2.** Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик (5 гурӯҳ):
- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

3. Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик (5 гурӯҳ):
- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

4. Номинатсияи адабиёти ҷаҳон (5 гурӯҳ):
- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

*(Давомаш дар саҳ. 7)*

*(Аввалаш дар саҳ. 6)*

- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 3 | 120 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **290 000** |

Шоҳҷоиза

| № | Номинатсияҳо | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Номинатсияи кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ | 140 000 | 1 | 140 000 |
| 2. | Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик | 140 000 | 1 | 140 000 |
| 3. | Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик | 140 000 | 1 | 140 000 |
| 4. | Номинатсияи адабиёти ҷаҳон | 140 000 | 1 | 140 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **4** | **560 000** |

Маблағи умумӣ барои ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоиза

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 70 000 | 19 | 1 330 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 38 | 1 900 000 |
| 3. | Сеюм | 40 000 | 57 | 2 280 000 |
| 4. | Шоҳҷоиза | 140 000 | 4 | 560 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **118** | **6 070 000** |

Маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки шогирдонашон дар Озмун ҷойҳои 1, 2, 3 ва Шоҳҷоизаро мегиранд

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум, дуюм, сеюм | 20 000 | 72 | 1 440 000 |
| 2. | Шоҳҷоиза | 20 000 | 4 | 80 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **76** | **1 520 000** |

Хароҷоти иловагӣ

| № | Хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1. | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун, ҳавасмандгардонии ҳайати ҳакамон, масъулони баргузорӣ, барандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва хароҷоти дигар | 700 000 (ҳафтсад ҳазор) |

Маблағи умумӣ

| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Мукофотпулӣ барои ҷоизаҳо ва Шоҳҷоиза | 118 | 6 070 000 |
| 2. | Мукофотпулӣ барои омӯзгорон | 72+4 | 1 520 000 |
| 3. | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун, ҳавасмандгардонии ҳайати ҳакамон, масъулони баргузорӣ, барандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва хароҷоти дигар | — | 700 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **8 290 000** |

**ЗАМИМАИ 4**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-951**

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ТАВСИЯШАВАНДА БАРОИ ДОВТАЛАБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

**1. Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ:**

- хондани афсонҳои халқи тоҷик, латифа ва аз ёд кардани порчаҳо аз осори манзуму мансури шифоҳӣ, латифаю зарбулмасал, мақолҳои халқӣ, чистонҳо;

- хондани ҳикояҳо аз «Гулистон», «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, порчаҳо аз осори манзуми шоирони барҷастаи классикӣ (Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон), аз ашъори манзуму мансури бачагонаи устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Пӯлод Толис, Ғаффор Мирзо, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Баҳром Фирӯз, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғоиб, Раҳмат Назрӣ, Сафияи Носир, Эгами Нарзуллоҳ (Волӣ), Насим Раҷаб, Ғанӣ Ҷӯразода, Юсуфҷон Аҳмадзода, Наримон Бақозода, Алӣ Бобоҷон, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Маҳмуд Диёрӣ, Мирсаид Миршакар, Шарифи Муҳаммадёр, Маҳбуба Неъматова, Убайд Раҷаб, Нуъмон Розиқ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Муродалӣ Собир, Абдусаттори Раҳмон, Салоҳиддини Садриддин, Азизи Азиз, Сайқал Самеъзода, Шодӣ Саттор, Болта Ортиқов, Ғаффоралӣ Сафар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, Бобо Ҳоҷӣ, Маҷид Салим, Акобир Шарифӣ, Ато Мирхоҷа, Гулчеҳра Муҳаммадиева, Латофат Кенҷаева ва дигарон;

**2. Номинатсияи адабиёти классикӣ:**

- намунаҳои насри ривоятӣ аз «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Чаҳор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тӯтинома», «Синдбоднома», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбоннома», «Абумуслимнома», «Доробнома» ва ғайра;

- осори насри классикӣ - «Корномаи Ардашери Бобакон», «Калила ва Димна», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра;

- аз ёд кардани ашъори шоирон аз рӯйи жанр;

- на кам аз 100 ғазал аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Фаридаддини Аттор, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Зебуниссо, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва дигарон;

- рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120 рубоӣ ва дубайтӣ аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абуалӣ ибни Сино, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ ва дигарон;

- қасида - на кам аз 100 байт аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Кисоии Марвазӣ, Абулқосим Унсурӣ, Анварии Абевардӣ, Абулҳасан Фаррухии Сиистонӣ, Абунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хусрав, Хоқонии Шервонӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;

- порча аз достон - на кам аз 150 байт аз Абуабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил, Камолиддини Биноӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;

- дигар навъҳои шеърӣ - қитъа, мухаммас, мусаммат, мусаллас, тарҷеъбанд, таркиббанд ва ғайра - 100 байт.

**3. Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик:**

- аз ёд кардани рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, порчаҳо аз достону маснавӣ ва сурудҳои халқӣ аз эҷодиёти даҳонии халқ;

- осори насрии адибони муосир - ҳикояҳо, новеллаҳо, повестҳо, романҳо, намоишномаҳо, ёддоштҳо ва очеркҳои Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Пӯлод Толис, Баҳром Фирӯз, Ҷумъа Одина, Урун Кӯҳзод, Юсуф Акобиров, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Меҳмон Бахтӣ, Кароматуллои Мирзо, Гулрухсор, Иноят Насриддинов, Ато Ҳамдам, Бароти Абдураҳмон, Ҷонибеки Акобир, Шералӣ Мӯсо, Равшани Ёрмуҳаммад, Маъруф Бобоҷон, Бахтиёр Муртазо, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзодаи Афардӣ, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ, Муҳибуллои Қурбон, Шераки Ориён (Абдурофеъ Рабизода), Марямбонуи Фарғонӣ, Мансур Сурӯш, Мирзо Насриддин, Диловари Мирзо, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Маҷид Салим, Равшани Махсумзод, Ато Мирхоҷа, Анвар Олим, Аброри Зоҳир, Сироҷиддин Икромӣ, Сайид Раҳмон, Мирзо Шукурзода, Муаззама, Мутеулло Наҷмиддинов, Додохони Эгамзод, Наҷмиддини Шоҳинбод, Баҳром Фирӯз, Искандари Ҳамроҳқул, Шодон Ҳаниф, Расул Ҳодизода, Нарзулло Тиллозода, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Ҳакималӣ Назаралӣ, Абдуғаффори Партав, Маҳкам Пӯлод, Айюб Кенҷа, Истад Қосимзода, Сироҷиддин Қосимзода, Раҷаб Мардон, Ғаффор Мирзо, Султон Мирзошоев, Мирсаид Миршакар, Абдурауф Муродӣ, Тоҳири Муҳаммадризо, Шералӣ Мӯсо, Бурҳон Ғанӣ, Муҳаммад Ғоиб, Карим Давлат, Абдусалом Деҳотӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Матлубаи Ёрмирзо, Исроил Иброҳим, Ҳабиб Имодӣ, Қулмуҳаммади Абдулҳусейн, Ҳилолиён Аскар, Самад Ғанӣ, Саидаҳмади Зардон, Шоҳназир Назиров, Султонмуроди Одина, Муҳаммадраҳими Сайдар, Аъзам Сидқӣ, Тоҷӣ Усмон, Баҳодур Файзулло, Ибод Файзулло, Неъматуллои Худойбахш, Шарифи Халил ва дигарон;

- асарҳои драмавӣ аз Абулқосим Лоҳутӣ, Ғанӣ Абдулло, Нурулло Абдуллоҳ, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Файзулло Ансорӣ, Абдусалом Атобоев, Тӯрахон Аҳмадхонов, Меҳмон Бахтӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Муҳаммад Ғоиб, Ҷалол Икромӣ, Шамсӣ Қиём, Ҷумъа Қуддус, Фазлиддин Муҳаммадиев, Султон Сафар, Аъзам Сидқӣ, Мансур Сурӯш, Ҳоҷӣ Содиқ, Шодӣ Солеҳ, Нур Табаров, Ато Ҳамдам, Аминҷон Шукӯҳӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон;

- ашъори шоирони муосир - на кам аз 100 ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ва порча аз достон аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳайрат Шанбезода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Аминзода, Боқӣ Раҳимзода, Нодир Шанбезода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Файзулло Ансорӣ, Ғаффор Мирзо, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар Келдӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Жола Бадеъ, Абдулло Қодирии Мумтоз, Султон Шоҳзода, Ашӯр Сафар, Сайидалӣ Маъмур, Ширин Бунёд, Аскар Ҳаким, Ҳақназар Ғоиб, Салимшо Ҳалимшо, Саидҷон Ҳакимзода, Пиримқул Сатторӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Искандари Хатлонӣ, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғоиб, Мирзо Файзалӣ, Фарзона, Доро Наҷот, Назрӣ Яздонӣ, Алимуҳаммад Муродӣ,

*(Давомаш дар саҳ. 8)*

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ТАВСИЯШАВАНДА БАРОИ ДОВТАЛАБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

***(Аввалаш дар саҳ. 7)***

Ҷамолиддин Каримзода, Зиё Абдулло, Рустам Ваҳҳобзода, Аҳмадҷони Раҳматзод, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Озарахш, Ато Мирхоҷа, Сиёвуш, Озар, Салими Зарафшонфар, Абдуҷаббори Суруш, Парда Ҳабиб, Давлат Сафар, Раънои Мубориз, Давлати Раҳмониён, Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Муҳтарам Ҳотам, Сафар Амирхон, Назруллоҳи Азизиён, Одина Азимӣ, Нуқраи Суннатниё, Хайрандеш, Қувват Давлат, Олимхон Исматӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Гурез Сафар, Шаҳрия, Усмон Шарифзода, Адибаи Хуҷандӣ ва дигарон;

- дигар навъҳои шеърӣ - 100 байт аз шоирони муосири тоҷик;

**4. Номинатсияи адабиёти ҷаҳон:**

Тавсия барои хонандагони синфҳои 1 - 4 аз осори манзум ва мансури адабиёти бачагонаи ҷаҳонӣ:

- адибони рус: Александр Пушкин, Михаил Лермонтов, Иван Крилов, Иван Бунин, Александр Островский, Николай Гогол, Лев Толстой, Антон Чехов, Константин Ушинский, Алексей Толстой, Николай Носов, Иван Тургенев, Максим Горкий, Сергей Есенин, Виталий Бианки, Михаил Пришвин, Михаил Шолохов, Самуил Маршак, Валентин Катаев, Эдуард Успенский, Василий Шукшин, Сергей Михалков, Аагния Барто, Аркадий Гайдар, Валентин Распутин, Расул Ғамзатов, Корней Чуковский, Виктор Драгунский, Валентина Осеева, Владимир Сутеев, Константин Паустовский, Борис Житков, Андрей Усачёв ва дигарон;

- адибони шарқ: Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон) ва дигарон;

- адибони дигар: Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (Ӯзбекистон), Ғафур Ғулом (Ӯзбекистон), Абдулло Қодирӣ (Ӯзбекистон), Чингиз Айтматов (Қирғизистон), Рюноскэ Акутагава (Япония), Азиз Несин (Туркия), Маликушшуаро Баҳор (Эрон), Нодар Думбадзе (Гурҷистон), Василий Гулеури (Гурҷистон), Ирма Маласидзе (Гурҷистон), Спиридон Вангели (Молдова), Эно Рауд (Эстония), Нино Накашидзе (Гурҷистон), Вайнилайтис Мартинас (Литва), Машётас Пранас (Литва), Тсао Вэнсюан (Чин), Худойберди Тӯхтабоев (Ӯзбекистон), Азиза Ҷаъфарзода (Озарбойҷон), Хажак Гулназарян (Арманистон), Владимир Короленко (Украина), Сулаймон Сонӣ Охундзода (Озарбойҷон), Карл Фриш (Олмон), Марсел Эме (Франсия), Отфрид Пройслер (Олмон), Доналд Биссет (Англия), Даниел Дефо (Англия), Эдвард Лир (Англия), Виктор Гюго (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Редярд Киплинг (Англия), Алан Милн (Англия), Ҷеймс Хэрриот (Англия), Ҷералд Даррелл (Англия), Клайв Люис (Ирландия), Фрэнсис Элиза Ходгстон Бернетт (Англия), Астрид Линдгрен (Шветсия), Александр Дюма (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Артур Конан Дойл (Англия), Бародарон Грим (Олмон), Шарл Перро (Фаронса), Ҷанни Родари (Италия), Вилгелм Гауф (Олмон), Ҷонатан Свифт (Англия), Мария Тереса Андруэтто (Аргентина), Пйердоменико Баккаларио (Италия), Антуан де Сент-Экзюпери (Фаронса), Люис Кэрролл (Англия), Рудолф Эрих Распе (Олмон), Стивенсон Роберт (Шотландия), Селма Лагерлёф (Шветсия), Ҷон Бойн (Ирландия), Холли Вебб (Англия), Жаклин Вудсон (ИМА), Русе Лагеркранс (Шветсия), Чарлз де Линт (Канада), Свен Нурдквист (Шветсия), Ури Орлев (Исроил), Мария Парр (Норвегия), Филип Пулман (Англия), Улф Старк (Шветсия), Нахоко Уэхаси (Ҷопон), Тод Штрассер (ИМА), Ҷоан Кэтлин Роулинг (Англия), Ҷек Лондон (ИМА), Эрнест Сетон-Томпсон (Канада), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Марк Твен (ИМА), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия), Ҷоэл Ҳаррис (ИМА), Кадоно Эйко (Ҷопон) , Ло Ин (Чин), Чжан Юантсзе (Чин), Маҳдӣ Озари Яздӣ (Эрон), Муҳаммад Аслонӣ (Эрон), Хусрави Бобохонӣ (Эрон), Шукӯҳи Қосимниё (Эрон), Калаҳари Фиребо (Эрон), Кришан Чандар (Ҳиндустон), Бкишам Сахни (Ҳиндустон), Рамврикша Бенипури (Ҳиндустон), Файз Аҳмади Файз (Покистон), Алӣ Сардор Ҷафрӣ (Ҳиндустон), Нақиб Маҳфуз (Миср), Иброҳим ал-Куни (Либия) ва дигарон.

**5. Тавсия барои гурӯҳҳои дигар:**

- осори насрӣ ва аз бар кардани на кам аз 500 байт аз эҷодиёти адибони ҷаҳон. Аз ҷумла:

- адабиёти рус дар бахши назм, наср ва драма - Александр Пушкин, Михаил Лермонтов; дар бахши масал - Иван Крилов, дар бахши назм, наср ва драма - Александр Грибоедов, Иван Бунин, Борис Пастернак, Александр Островский, Николай Гогол, Иван Тургенев, Фёдор Достоевский, Лев Толстой, Антон Чехов, Максим Горкий, Михаил Булгаков, Александр Блок, Владимир Маяковский, Анна Ахматова, Марина Светаева, Сергей Есенин, Андрей Платонов, Владимир Набоков, Иосиф Бродский, Михаил Шолохов, Василий Шукшин, Валентин Распутин, Андрей Волос ва дигарон;

- адабиёти Украина, Беларус ва назди Балтика дар бахши назм, наср ва драма - Максим Танк, Эдуардас Межелайтис, Янка Купала, Тарас Шевченко, Леся Украинка, Якуб Колас, Юстинас Мартсинкявичюс, Олес Гончар, Йонас Авижюс, Юрий Ритхэу ва дигарон;

- адабиёти Осиёи Марказӣ (ӯзбек, туркман, қазоқ, қирғиз) дар бахши назму наср ва драма - Абай, Алишер Навоӣ, Машраб, Увайсӣ, Нодира, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Эркин Воҳидов, Олжас Сулаймонов, Абдулло Орипов, Абдулло Қодирӣ, Мухтор Авезов, Чингиз Айтматов ва дигарон;

- адабиёти Қафқоз дар бахши назму наср ва драма - Шота Руставели, Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Хачатур Абовян, Аветик Исаакян, Расул Ғамзатов, Отар Чиладзе, Самад Вурғун, Нодар Думбадзе, Грант Матевосян ва дигарон;

- адабиёти кишварҳои Амрико ва Канада дар бахши назм, наср ва драма - Филип Френо (ИМА), Генри Уодсворт Лонгфелло (ИМА), Уолт Уитмен (ИМА), Вашингтон Ирвинг (ИМА), Ҷеймс Фенимор Купер (ИМА), Эдгар Аллан По (ИМА), Марк Твен (ИМА), Теодор Драйзер (ИМА), Ҷек Лондон (ИМА), Фрэнсис Скотт Фитсҷералд (ИМА), Вилям Фолкнер (ИМА), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Ҷон Стейнбек (ИМА), Маргарет Митчелл (ИМА), Грэм Грин (ИМА), Джером Сэлинджер (ИМА), Рэй Брэдбери (ИМА), Курт Воннегут (ИМА), Харпер Ли (ИМА), Эдгар Лоуренс Доктороу (ИМА) Кормак Маккарти (ИМА), Кен Кизи (ИМА), Стивен Кинг (ИМА), Ҷонатан Франзен (ИМА), Маргарет Этвуд (Канада), Элис Манро (Канада) ва дигарон.

- адабиёти Амрикои лотинӣ дар бахши назм, наср ва драма - Габриэла Мистрал (Чили), Пабло Неруда (Чили), Жоржи Амаду (Бразилия), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия), Хорхе Луис Борхес (Аргентина), Мигел Астуриас (Гватемала), Марио Варгас Лйоса (Перу), Хулио Кортасар (Аргентина), Карлос Фуэнтес, Хуан Рулфо (Мексика) ва дигарон;

- адабиёти кишварҳои Аврупо дар бахши назм, наср ва драма - Ҳомер, Софокл, Эсхил, Аристофан (Юнони қадим), Апулей (Рими бостон), Данте (Италия), Федерико Гарсиа Лорка (Испания), Ҷованни Боккаччо (Италия), Ҷеймс Ҷойс (Ирландия), Вилям Шекспир (Англия), Лессинг, Гердер, Шиллер, Иоганн Волфганг фон Гёте (Олмон), Виктор Гюго (Франсия), Ромен Роллан (Франсия), Франсуа Рабле (Франсия), Жан Расин, Молйер, Лафонтен, Волтер, Монтескё, Жан-Жак Руссо, Бомарше (Франсия), Калдерон (Испания), Голдони, Готси (Италия), Мигел Сервантес (Испания), Даниел Дефо (Англия), Валтер Скотт (Шотландия), Фредерик Стендал (Франсия), Ҷорҷ Байрон (Англия), Оноре де Балзак (Франсия), Александр Дюма (Франсия), Жорж Санд (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Вилям Теккерей (Англия), Чарлз Диккенс (Англия), Гюстав Флобер (Франсия), Жюл Верн (Франсия), Эмил Золя (Франсия), Анатол Франс (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Ҷорҷ Бернард Шоу (Англия), Артур Конан Дойл (Англия), Этел Лилиан Войнич (Англия), Редярд Киплинг (Англия), Марсел Пруст (Франсия), Вирҷиния Вулф (Англия), Франс Кафка (Австрия), Грэм Грин (Англия), Жан-Пол Сартр (Франсия), Албер Камю (Франсия), Дэвид Митчелл (Англия), Ҷоан Роулинг (Англия), Генрик Ибсен (Норвегия), Шарлотта Бронте (Англия), Эмили Бронте (Англия), Генрик Сенкевич (Литва-Лаҳистон), Морис Метерлинк (Нидерланд), Бернард Шоу (Англия), Герман Гессе (Олмон), Жан Пол Сартр (Франсия), Сэмюэл Беккет (Ирландия), Шарл де Костер (Белгия), Ярослав Гашек (Чехия), Уилям Голдинг (Англия), Кнут Гамсун (Норвегия), Лион Фейхтвангер (Олмон), Алберто Моравиа (Италия), Люис Кэрролл (Англия), Рафаэлло Ҷованолли (Италия), Болеслав Прус (Лаҳистон), Генрих Гейне (Олмон), Бертолт Брехт (Олмон), Томас Манн (Олмон), Сомерсет Моэм (Англия), Кадзуо Исигуро (Япония-Англия), Меша Селимович (Сербия-Босния-Герсеговина), Жозе Сарамаго (Португалия), Олдос Хаксли (Англия), Эрих Мария Ремарк (Олмон), Эрнст Теодор Амадей Гофман (Олмон), Антуан де Сент-Экзюпери (Франсия), Ҷорҷ Оруэлл (Англия) ва дигарон;

- адибони Эрону Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон дар бахши назм, наср ва драма - Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Маликуш шуаро Баҳор (Эрон), Нимо Юшиҷ (Эрон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Парвини Эътисомӣ (Эрон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Зиё Қоризода (Афғонистон), Аҳмади Шомлу (Эрон), Суҳроби Сипеҳрӣ (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Нусрати Раҳмонӣ (Эрон), Восифи Бохтарӣ (Афғонистон), дар бахши наср - Муртазо Мушфиқ Козимӣ (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Бузург Алавӣ (Эрон), Симин Донишвар (Эрон), Ҳушанг Гулширӣ (Эрон), Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон), Аббос Маъруфӣ (Эрон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон), Урҳон Помук (Туркия), Азиз Несин (Туркия) ва дигарон;

- адабиёти Осиё ва кишварҳои арабӣ дар бахши назм, наср ва драма - Рюноскэ Акутагава (Япония), Кобо Абэ (Япония), Лу Син (Чин), Мо Ян (Чин), Ҷуброн Халил Ҷуброн (Лубнон), Нақиб Маҳфуз (Ҷумҳурии Мисри Араб), Азиз Несин (Туркия), Иброҳим Ал-Куни (Лубнон), Маҳмуд Саид (Ироқ), Муҳаммад Зифзоф (Марокаш) ва дигарон.

## ЭЪЛОН

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

**1. Дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик - 1 ҷой**

**Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро тӯли як моҳ, баъд аз интишори эълон, ба шуъбаи илм ва инноватсияи донишгоҳ пешниҳод намоянд.**

**ТАСАЛЛИЯТ**

Раёсат ва ҳайати кормандони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба профессор Абдураҳимзода Қудратулло Саид бинобар даргузашти

**ДУХТАРАШ**

ҳамдардии амиқ изҳор менамоянд.

Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

Фурӯғ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

**МУАССИС:**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ҚУРБОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ РАҲМАТ,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба таълим

**ҲУКМИДДИН САФАРБЕКЗОДА,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм

**НАРГИС НУРАЛИЗОДА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия

**РУСТАМ ТАҒОЙМУРОДОВ,**
доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ГАДОЗОДА АБДУКИБОР,**
доктори илмҳои таърих, профессор

**БОЛТАЕВ МАЛИК,**
номзади илмҳои кимиё, дотсент

**АҲМАДОВ САФАРМАД,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**МУҲАРРИР:**
**НАИМЗОДА ҚУДРАТУЛЛО**

Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва дурустии арқому далелҳо бар дӯши муаллифон аст. Матолиби муаллифони беруна дар ҳаҷми то 3 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 пазируфта мешавад.

*Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №399/РЗ-97 аз 27 ноябри соли 2023 аз нав ба қайд гирифта шуда, аз 1 сентябри соли 2000 нашр мешавад.*

Рӯзнома ҳар ҳафта як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

**НИШОНӢ:**
ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 67
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**
furugh2000@mail.ru

Ҳафтанома дар матбааи ҶДММ «Аниса-95» чоп шудааст.

**Адади нашр: 11200 нусха**

***Ба чопаш 9. 01. 2026 иҷозат дода шуд.***